Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе,
кӯчаи Деҳотӣ, ½, ww/ddtt.tj

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Дилбар Субҳоновна ба диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзӯи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст.**

## 1. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия

Дар ҷаҳони муосир, ки иқтисодиёти рақамӣ бо суръати бениҳоят рушд мекунад, аҳамияти такмил додани системаи идоракунии кормандон дар соҳаи меҳмонхонаҳо торафт муҳимтар мегардад. Меҳмонхона, ки ҷузъи калидии занҷири рушди саноати сайёҳӣ буда, муттасилии равандҳои тиҷоратӣ ва истеҳсолиро таъмин мекунад, аз сохторҳои идоракунии он дараҷаи баланди чандирӣ, мувофиқӣ ва мутобиқшавиро талаб мекунад. Рақамикунонӣ як воситаи пурқувватест, ки метавонад муносибатҳоро ба идоракунии кормандон ба куллӣ тағйир диҳад, онҳоро самараноктар ва ба дигаргуниҳои дар муҳити беруна ва дохила мутобиқ созад.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқ ва таҳлили системаҳои мавҷудаи идоракунии кормандон дар соҳаи меҳмонхонаҳо, инчунин муайян кардани роҳҳои такмили онҳо дар муҳити рақамӣ ҳадафи рисодаи диссертатсионии мазкур муайян карда шудааст.

Таҳлили системаи мавҷудаи идоракунии кормандон дар меҳмонхонаҳо нишон медиҳад, ки усулҳои анъанавӣ дигар наметавонанд талаботи афзояндаи бозори муосирро қонеъ кунанд, чунки муносибати анъанавӣ ба сохторҳои зинавии идоракунӣ асос ёфтааст, ки дар он қарорҳои асосии дар сатҳҳои боло қабул карда шуда ба зинаҳои идоракунии поёнӣ мегузаранд. Ин боиси суст шудани равандҳои қабули қарорҳо ва коҳиши чандирии созмон ба

тағйирот дар муҳити бозор мегардад. Илова бар ин, системаҳои анъанавӣ аксар вақт ба равандҳо ва меъёрҳои стандартӣ такя мекунанд, ки ин метавонад фардикунонии кормандонро коҳиш диҳад ва онҳоро аз рушди неруи худ боздорад.

Илова бар ин, системаҳои мавҷудаи идоракунии кормандон хусусиятҳои соҳаи таъминоти моддию техникӣ ба монанди талаботи мавсимӣ, зарурати идора кардани шумораи зиёди кормандони бетаҷриба ва талаботи баландро барои суръати иҷрои супориш хеле кам ба назар мегиранд. Аз ҳамин сабаб ширкатҳо маҷбур мешаванд, ки пайваста ба шароити тағйирёбанда бе назардошти воситаи муассир барои идоракунии захираи пурарзиштарин - кормандони худ мутобиқ шаванд.

Ба андешаи муаллифи кори диссетратсионӣ Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович, ки қобили дастгирист, маҳз дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бояд шароитҳои муайяни ба талаботҳои ҳозиразамон ҷавобгар барои афзоиши маҳсулнокии меҳнат таъсис дода шаванд, яъне такмил додани низоми идоракунии кормандон бояд ба баландшавии самаранокии истифодабарии онҳо ҳамрадиф бошад. Ба фикри мо, маҳз аз ҳамин ҷиҳат муҳимият ва мубрамияти мавзӯи интихоб намудаи таҳқиқоти гузаронидаи довталаб бебаҳс буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва арзиши илмию амалӣ доштани онро тасдиқ менамояд.

## 2. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисосҳо ва соҳаҳои илм

Таҳқиқоти диссертатсионии гузаронида ва ба ҳимоя пешниҳодшудаи Абдуллоев З.А. ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА)-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6 тасдиқ шудааст, хусусан ба қисматҳои 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он; 4. Тавсифи миқдорӣ ва сифатии захираҳои меҳнатӣ; 7. Ҳавасмандгардонӣ

ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 8. Масоили сифати нерӯйи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии аҳолӣ; ҳаракати кормандон; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд**

Навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия ба даст омада ба таҳлил, баҳодиҳӣ ва такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ таҳия карда шудаанд.

Нуқтаҳои асосие, ки навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода менамоянд, аз ҷузъҳои зерин иборат мебошанд.

1. Дар диссертатсия ба муқаррароти назариявию методӣ ва мавқеи идоракунии кормандон мувофиқ ба шароити иқтисодиёти рақамӣ диққати ҷиддӣ зоҳир карда шудааст (саҳ. 18-24). Муаллиф ба он ақидаест, ки таъсири омилҳо ва усулҳои инноватсионӣ ба рушди иқтидори кадрӣ падидаи мураккаб ва зуд тағйирёбандаи муҳити бозор ба ҳисоб меравад. Доир ба масоили таҳқиқшаванда нуқтаи назари олимони соҳа зикр гардида, дар навбати худ муаллиф мафҳумҳои «идоракунии кормандон», «идоракунии захираҳои меҳнатӣ», «рақамикунонӣ» ва «иқтисоди рақамӣ»-ро асоснок намудааст (саҳ. 28-34).

2. Ба андешаи муаллиф, ба сифати омили асосии тараққиёти меҳмонхонаҳо кадрҳо ё мутахассисони дорои салоҳияти касбӣ, аз ҷумла салоҳияти рақамӣ, ки қобили дастгирист, дохил мешаванд. Дар диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ исбот карда шудааст, ки маҳз кормандони соҳибкасб ва босалоҳият самаранокии низоми идоракуниро таъмин менамоянд (саҳ. 39-47).

3. Таҳқиқи масоили омодасозии кормандони меҳмонхона (саҳ. 48-57), тамоюлҳои ҷории бозори меҳнат ва рақамикунонии равандҳои меҳмонхона ҳангоми таҳлили вазъи кунунии бозори меҳнат ва таъмини кадрҳои баландихтисос дар меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе иқдоми саривақтӣ ҳисобида шудааст (саҳ. 66-85).

4. Ҳангоми таҳқиқ таҳияи амсиласозии иқтисодӣ–математикии баҳодии омилҳои таъсиррасон ба идоракунии кормандон дар фазои маҷозӣ барои такмили низоми кормандон дар шароити рақамикунонӣ муҳим шуморида шудааст (саҳ. 86-97).

5. Самтҳои муҳиму афзалиятноки такмили идоракунии кормандон дар фаъолияти меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе дар асоси таҷрибаи мамлакатҳои хориҷии дуру наздик таҳия гардидааст (саҳ. 99-112). Воқеан, қобили қайд аст, ки истифодаи таҷрибаву дастовардҳои кишварҳои пешоҳанг дар саноати меҳмонхонадории ватанӣ хеле муҳим мебошад (саҳ. 113-119).

6. Дар диссертатсияи тақризшаванда пас аз натиҷаҳои назарсанҷии гузаронидашуда таҳияи механизми мукаммали идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ муҳим арзёбӣ гардидааст. Дар навбати худ, муаллиф унсурҳо ва омилҳои таъсиррасонро ба такмили низоми идоракунии кормандон муайян намуда, механизми муосири идоракунии кормандонро таҳия намудааст (саҳ. 123-136).

7. Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот тавсия шудааст, ки зимни омодакунии кадрҳои касбӣ ва масъулиятшинос маъмурони ширкатҳо пеш аз ҳама ба салоҳияти рақамии кормандон аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд, зеро механизми имрӯзаи фаъолияти меҳмонхонаҳо бештар рақамикунонида шудааст, ки дар ин замина нақши кадрҳои дорои салоҳиятҳои рақамӣ хеле зарур мебошанд (саҳ. 137-151).

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Муаллиф мавзӯи диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои онро вобаста ба нақшаи мантиқии таҳқиқот муайян намуда, аз методикаи дар таҳқиқотҳои олимони соҳа асосёфта оид ба таҳлили хусусият ва такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе истифода намудааст.

Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ менамояд. Хулосаву тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти назариявии муаллифи кори диссертатсионӣ бо истифодаи методикаи муосир асоснок карда шудааст.

## 5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Натиҷаҳои асосии илмии дар кори диссертатсионӣ ба даст овардаи Абдуллоев З.А. дар такмили низоми идоракунии кормандон ба воситаи коркарди ҳолатҳои методӣ оид ба истифодабарии оқилонаи онҳо дар инфрасохтори сайёҳӣ, ҳаматарафа самаранок истифодабарии иқтидори мавҷудаи захираҳои меҳнатӣ, ба эътибор гирифтани хусусиятҳои иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ ва иҷрои вазифаҳои нави таъмини рушди устувор ифода меёбанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани низоми идоракунии кормандони соҳа дар шароити рақамикунснӣ васеъ истифода бурда шаванд.

Натиҷаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ба дастовардашудаи таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро дар ҷараёни таълим дар донишкадаю донишгоҳҳо барои тайёр намудани бакалавру магистрон ва докторантҳо дар доираи омӯзиши фанҳои махсус, ба монанди «Идоракунии сармояи инсонӣ», «Идоракунии захираҳои меҳнатӣ», «Иқтисодиёти меҳнат», «Идоракунии

салоҳиятҳои рақамӣ», «Менеҷменти кадрӣ», «Идоракунии кормандон», «Менеҷмент», «Санъати роҳбарӣ» ва ғайраҳо истифода кардан мумкин аст.

### 6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Чуноне, ки аз таҳлилҳои маълумоти пешниҳодшуда бармеояд, муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 27 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 мақола дар алоҳидагӣ) ва 20 мақола дар маводҳои чоп шудаи конференсияҳои байналмиллалию ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ нашр шудаанд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

### 7. Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Мазмун ва мӯҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ, унсурҳои навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо дар автореферат ба пуррагӣ бо забони илмии тоҷикӣ дарҷ гардида, дар сатҳи зарурии илмию методӣ иҷро шудаанд. Диссертатсия ва автореферати он мувофиқи муқаррароти Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровада шуда, ба талаботҳо ҷавобгӯй мебошад.

### 8. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

1. Ба фикри мо, агар муаллифи диссертатсия дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ ва мақсаду вазифаҳои дар назди худ гузоштаро (саҳ. 7-9) аниқтар ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мекард, сатҳу сифати диссертатсия боз арзишмандтар мегардид.

2. Бояд зикр намуд, ки дар диссертатсия истифодаи низоми муосири автоматикунонидаи идоракунии кормандони меҳмонхона дар расми 5 (саҳ. 58) нишон дода шудааст, аммо он дар кадом объект ё меҳмонхонаи мушаххас бояд дида шавад, муайян нашудааст.

3. Хусусияти муҳими механизми иқтисодии рақамӣ дар расми 6 (саҳ. 63) нишон дода шудааст, аммо дар он, ки иерархияи механизмҳои идоракунии кормандони меҳмонхона ҳамчун ҷузъҳои он амал мекунанд, аз нигоҳи илмӣ асоснок карда нашуда ва тавзеҳи пурра дода нашудааст.

4. Муаллиф дар таҳқиқот омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷиро дар самти низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо ва таҷрибаҳои беҳтарини рушди онро омӯхта амалан мавриди истифода қарор доданро муҳим шуморидааст (саҳ.100). Лекин роҳҳои истифода бурдани ин таҷрибаро бо назардошти хусусиятҳои миллӣ мушаххас нишон надодааст.

5. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки барои таъмини рушди минбаъдаи меҳмонхонаҳо бояд маҳоратҳои пешсафӣ (78%), риояи фарҳанги рақамӣ (74%), ҳамкорӣ ва муносибат (72%), маҳоратҳои махсус (60%), менеҷменти вақт (55%), таъминоти барномавии махсус (50%) таъмин шуда бошад (саҳ.122), аммо муаллиф ин натиҷаҳоро дар кадом асос ё сарчашма рӯйи кор оварда аст, мушаххас нест.

6. Баъзе маводҳои дар ҷадвалу расмҳо оварда шудаи диссертатсия хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва грамматикӣ доранд, ки бартараф намудани онҳо ба фоидаи кор мебуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки эроду тавсияҳои зикршуда, ба фикри мо, ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқотҳои минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

## 9. Хулосаи ҷамъбастӣ

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло қайд намудан бамаврид аст, ки кори диссертатсионии аз тарафи Абдуллоев Зафарҷон Асхобович дар мавзӯи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат рисолаи илмию тахассусии мустақилона ба итмом расонида буда, ба талаботи пешниҳодгардидаи Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҷавобгӯй ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур ба ҳисоб меравад.

**Муқарризи расмӣ**

профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Д.С.

**Суроғаи донишгоҳ**: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Тел.:(+992) 918-74-94-94 (моб.)

e-mail: dilbar_amonova@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Дилбар Субҳоновнаро тасдиқ менамоям.

Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳи
(славянии) Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.